**СУРАТМАҶЛИСИ №109**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018**

24-уми феврали соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа гузаронида шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаюрзода Ш.К. ва аъзои комиссия Имомзода Н.М., Қодирқулов Х.Р. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Аминова Фарида Маҳмадаминовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Самадзода Бахтиёр Одилҷон** – доктори илмҳои ҳуқуқшинсӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» тавсия карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 05-уми майи соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.